# ХУЛОСАИ

комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионии 6D КОА-046 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» оид ба диссертатсияи Шарипов Ҳалим Ҳокимович дар мавзӯи «Хусусиятҳои ташаккулёбии арзишҳои тарбияи ҷисмонии донишҷӯён-омӯзгорони оянда дар шароити муосири муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ (дар мисоли коллеҷҳои омӯзгории вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08- Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод гардидааст.

Мавзӯи интихобнамудаи диссертант Шарипов Ҳ.Ҳ. таҳти унвони «Хусусиятҳои ташаккулёбии арзишҳои тарбияи ҷисмонии донишҷӯён-омӯзгорони оянда дар шароити муосири муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ (дар мисоли коллеҷҳои омӯзгории вилояти Хатлон)» ба таҳқиқи муҳимтарин самтҳои педагогӣ – ташаккулдиҳии арзишҳои тарбияи ҷисмонии донишҷӯен-омӯзгорони оянда бахшида шуда, дорои аҳамияти муҳими илмӣ мебошад.

Боиси қайд аст, ки тайёрии касбӣ ва раванди тарбияи ҷисмонӣ ташаккул додани арзишҳоии он дар рафти таълим солҳои зиёд аст, ки диққати мутафаккирон, олимон ва педагогҳои мамлакатҳои мухталифро ба худ ҷалб мекунад. Сабаби шавқу рағбат ба ин мавзӯъ, ба фикри мо, ҷидду ҷаҳди таҳияи назарияи ташаккули тайёрии касбӣ, омода намудани донишҷӯён – омӯзгорониояндаи коллеҷҳои омӯзгорӣ барои синфҳои ибтидоӣ, ташаккул додани арзишҳои тарбияи ҷисмонӣ мебошад. Айни замон як қатор муҳаққиқон чунин мешуморанд, ки паҳлуҳо ва ҷанбаҳои мухталифи омоданамоии омӯзгорони оянда оид ба тарбияи ҷисмонӣ чун максади ягонаи таҳқиқи илмӣ баррасӣ шавад. Ба муносибатҳои илмии мазкур такя намуда, мо ба хулоса омадем, ки ташаккули раванди мутобиқгардонии донишҷӯён-омӯзгорониояндаро бо раванди таълими мутахассисон дар муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ алоқаманд кардан мумкин ва зарур аст.

Ичунин ба фикри муаллиф, марҳилаи кунунии инкишофи ҷомеа то андозае мавқеи ҳаётиро дар соҳаи тайёр кардани мутахассисон дар шароити нав тағйир биёбад, дар ин самт Тоҷикистон низ истисно нест. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар давраи гузариш масъалаҳои сершумор, аз ҷумла дар соҳаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ба миён омаданд. Дар ин шароити барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ нав фаҳмиши зарурати идома додани таҳқиқоти назариявӣ дар соҳаи такмили таҳсилоти миёнаи касбӣ, бо мӯҳтавои маънавӣ пур кардани шахсияти донишҷӯ мӯҳимият иктибос кард.

Аз ин лиҳоз, бо воситаҳои шароити муосири муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ инкишоф додани арзишҳои тарбияи ҷисмонии донишҷӯён-омӯзгорони оянда дар шароити муосири муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ роҳест, ки барои ноил гардидан ба мақсадҳои педагогии зерин имконият медиҳад: дар ҳар донишҷӯ ташаккул додани эътиқодмандии амиқ дар бобати саҳеҳияти интихоби касб, афзудани иқтидори маънавии ӯ, ғановатманд гардонидан бо сарвати фарҳанги тарбияи ҷисмонӣ ва одат кунонидан ба фаъолияти эҷодӣ. Маҳз ҳамин сифатҳо дар стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи касбӣ барои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ зикр шудаанд, бинобар ин бояд дар ҳар хатмкунандаи ихтисоси зикргардида парварида шавад.

Шарипов Ҳ.Ҳ. ҳангоми мавриди таҳлил қарор додани сарчашмаҳои илмӣ, адабиёт ва рисолаҳои дифоъшуда ба чунин хулоса омадааст, ки дар мамлакати мо то ҳол таҳқиқоти алоҳидае оид ба муаммои мавриди назар гузаронида нашудааст. Аз ҳамин лиҳоз, ба хулосае омадан мумкин аст, ки мавзӯи таҳқиқгардида яке аз масъалаҳои зарурӣ дар ташаккулёбии арзишҳои тарбияи ҷисмонии донишҷӯен-омӯзгорони оянда ба ҳисоб рафта, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ баҳри ҳалли муаммоҳои мавҷуда оид ба ташаккули тайёрии касбии мутахассисон-омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, ки барои ғанӣ гардонидани назария ва ҳам амалияи илмӣ мусоидат менамояд.

Дар диссертатсия он нуктаҳои илмие, ки пешниҳод шудааст дар замони муосир навгонии илмӣ маҳсуб ёфта, чунин инъикос ёфтааст: бори нахуст хусусиятҳои ташаккулёбии арзишҳои тарбияи ҷисмонии донишҷӯён-омӯзгорони оянда дар шароити муосири муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз ҷиҳати илмию назариявӣ асоснок карда шуда, мавриди таҳқиқ баррасӣ гардид.

Барои соҳиб шудан ба ҳадафи ниҳоии таҳқиқот Шарипов Ҳ.Ҳ. марҳилаҳои зарурии таҳқиқотро омӯхта, дар мантиқ, мундариҷаи сохтори диссертатсия инъикос гардидааст.

Натиҷаи асосии таҳқиқот дар ду дастури таълимӣ, ду барномаи таълимӣ ва 16 мақолаҳои илмӣ, ки 9 то дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳрасти тавсиянамудаи КОА назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 номгӯ дар маҷмӯаи маводи конференсияҳо, ки вобаста ба муаммои таҳқиқшуда мебошанд инъикос ёфтааст.

Ҷиҳати арзишнокӣ дар таҳқиқот дар он аст, ки аз тарафи Шарипов Ҳ.Ҳ. дастурҳои таълимӣ ва барномаҳои таълимӣ барои ташаккули маҳорати касбии мутахассисони ихтисосӣ омузгорони тарбияи ҷисмонӣ коркард ва ҳам муқаррар карда шудааст. Боиси тазаккур аст, ки дар диссертатсия ба таври мушаххас таҳлили микдорӣ ва ҳам сифатии натиҷаи таҳқиқот дар шакли ҷадвал ва диаграмма оварда шудааст.

Диссертатсия бо талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионӣ» ва меъёрҳои «Тартиби додани дарачаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент. профессор)» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, тахти №267) пурра ҷавобгӯ мебошад. Он фарогири масъалаҳоест, ки барои рушди илми педагогика муҳим арзёбӣ мегарданд.

Аз тарафи Шарипов Ҳ.Ҳ. таҳқиқоти диссертатсионӣ дар сатҳ ва савияи зарурӣ таълиф гардида, мустақилияти муаллиф эҳсос карда мешавад. Натиҷаи ниҳоӣ ва нуктаҳои навини илмии барои ҳимоя пешкашгардида саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад.

Аз тарафи диссертант автореферат дар мутобиқат бо мундариҷаи таҳқиқот таҳия шуда, мӯҳтавои асосии диссертатсияро дарбар мегирад. Ба он натиҷаҳои илмӣ, ки муаллиф соҳиб шудааст, мутобиқ ба ихтисоси 13.00.08-“Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ “ мебошанд.

Боиси зикр аст, ки дар таҳқиқоти диссертатсионии Шарипов Ҳ.Ҳ. ҳолати бидуни иктибос истифода шудани мавод баъзан мушоҳида карда мешавад. Маъҳази ҳамаи иқтибос, сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда нишон дода шудааст. Шарипов Ҳ.Ҳ. дар тартиб додани дастгоҳи илмии диссертатсия талаботи банди 16-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмиро риоя намудааст.

Автореферат мазмуну муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

**Хулоса**

1.Диссертатсияи Шарипов Ҳ.Ҳ. дар мавзӯи “Хусусиятҳои ташаккулёбии арзишҳои тарбияи ҷисмонии донишҷӯён-омӯзгорони оянда дар шароити муосири муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ (дар мсоли коллеҷҳои омӯзгории вилояти хатлон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - 04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) ба Шурои диссертатсионии 6D КОА-046 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» барои ҳимоя қабул карда шавад.

1. Ба ҳайси муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсияи мазкур шахсони зерин тавсия карда мешаванд:

1) Сафаров Шодӣ Асомуродович - доктори илмҳои педагогӣ, ректори Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов;

2) Давлатов Дилшод Разоқович - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи илмҳои ҷамъиятӣ ва гуманитарии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов.

3) Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Данғара тавсия карда мешавад.

2. Барои нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

3. Барои чопи автореферат ба ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
аъзои Шурои диссертатсионӣ Олов С.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои педагогӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Сабурӣ Х.М.

номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
аъзои Шурои диссертатсионӣ Камолова М.Ф.

сана: 13.10.2023

*Имзоҳои н.и.п дотсент Олов С., д.и.п., профессор Сабурӣ Х.М . ва н.и.п., дотсент Камолова М.Ф.-ро тасдиқ менамоям.*

*Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Гафуров»* *Наврузов Э.М.*